**Такриз**
**ба автореферати диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Таваров Д.С. ба омӯзиши яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир бахшида шудааст. Зеро таҳлилу таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ зарурати давру замон мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ба воқеияти давру замон табдил ёфта, даст кашидан аз истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ғайриимкон гардидааст. Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ на танҳо зарурати рушду инкишофи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, балки солҳои 2026-2030 солҳои рушди инноватсия ва иқтисоди рақамӣ эълон гардид. Бояд гуфт, ки истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкон медиҳанд, ки рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ дар зинаҳои сифатан нав қарор дода шаванд. Таҳқиқоти Таваров Д.С. ба омӯзиши ҳамин масъала бахшида шуда, дар он раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар маҷмуъ ва хусусиятҳои рушду инкишофи ин навъи ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф муҳиммияти омӯзиши мавзуъро асоснок намуда, қайд менамояд, ки раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои муҳимми рушду инкишофи ҷомеа маҳсуб ёфта, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири амиқ расонида, рафтори одамон, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти онҳоро ба куллӣ тағйир медиҳад. Дар ин раванд ҳаёти сиёсии ҷомеа дар зери таъсири дигаргуниҳои технологию иттилоотӣ қарор гирифта, шакл ва мазмуни худро тағйир медиҳад. Пеш аз ҳама, дар раванди идоракунии давлатӣ истифода гардидани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ сиёсати давлатиро ба дигаргунии ҷиддӣ рӯ ба рӯ намуда, дар назди он вазифаҳои навро мегузорад. Чунончи, ташаккули ҳукумати электронӣ, ба амал омадани ҳузури ҳукумат дар шабакаи интернет, таъмин намудани хизматрасониҳои давлатӣ дар заминаи системаҳои иттилоотӣ ва ғ. дигаргуниҳое мебошанд, ки сиёсати иттилоотонии давлатро мазмуни нав мебахшанд (С.3). Дар ҳақиқат ҷомеаи иттилоотӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта, аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илм вобаста ба соҳаи дахлдор метавонанд мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Аз ин рӯ, дар илмҳои сиёсӣ муҳаққиқон бештар ба омилҳои сиёсии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ машғул гардида, хусусиятҳои ин соҳаи фаъолиятро бо дарназардошти истифодабарии

технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ нишон медиҳанд. Дар робита бо ин яке аз муваффақиятҳои муаллиф низ дар он ифода меёбад, ки ӯ тавонистааст, дар боби дуюми диссертатсияи худ омилҳои сиёсии ҷомеаи иттилоотиро нишон диҳад. Аз ҷумла, дар ин қисми таҳқиқот бештар ба масъалаҳои ташаккулёбии ҳукумати электронӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ, нақши давлат дар рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонии давлат таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст.

Яке аз қисмҳои ҷолиби диққат асосҳои методологии таҳқиқот мебошад (С.8). Бояд гуфт, ки натиҷаи ҳар як таҳқиқот аз он вобастааст, ки методҳои таҳқиқотӣ чи гуна интихоб мегарданд ва барои омӯзиши мавзуи интихобшуда онҳо то кадом дараҷа мувофиқат менамоянд. Ба андешаи мо, бо дарназардошти хусусиятҳои муҳимми илмҳои сиёсӣ, методҳои интихобгардида барои омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ мувофиқанд. Ҷолиби диққат ин аст, ки муаллиф тарзи истифодаи методҳои мазкурро тавсиф намудааст ва мувофиқати онҳоро низ нишон додааст, ки чунин навъи кор барои муҳаққиқони дигар хеле аҳамиятнок мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии илмии таҳқиқот, нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, бо сохтори таҳқиқот пурра мувофиқат менамоянд. Зеро таҳқиқоти мазкур аз се боб ва шаш зербоб иборат буда, вобаста ба ҳар як зербоб мақсадгузорӣ, навоварӣ ва нуктаҳои муҳим нишон дода шудаанд (С.8-11).

Қайд намудан бамаврид аст, ки таҳқиқоти Таваров Д.С. аҳамияти зиёди илмию назариявӣ ва амалӣ дорад. Аҳамияти илмию назариявии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар раванди таҳқиқи ҷомеаи иттилоотӣ доираи васеи адабиёти илмиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар заминаи баррасии онҳо моҳияти ин навъи ҷомеаро нишон додааст. Инчунин хулосаҳои муаллиф бо дарназардошти таҳлилҳои илмию назариявӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Аҳамияти амалии таҳқиқот бошад дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар раванди омӯзиши ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлуҳои гуногуни онро мавриди омӯзиш қарор дода, дар баробари муваффақиятҳои дар ин соҳа баамаломада, инчунин камбудию норасогиҳоро низ нишон додааст. Вобаста ба камбудиҳо ва монеаҳои дар ин самт мавҷудбуда муаллиф тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудааст, ки ҷолиби диққат мебошанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот дар як монография ва ҳашт мақолаи илмию таҳқиқотии муаллиф инъикос гардидаанд. Ҳамаи нашрияҳои муаллиф бевосита ба мавзуи таҳқиқотии ӯ алоқаманд мебошанд.

Дар маҷмуъ, мазмун, мундариҷа ва муҳтавои автореферат паҳлуҳои асосии таҳқиқоти мазкурро ифода менамоянд. Мазмуни автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф дар омӯзиши ин масъала саҳми зиёд гузоштааст. Аз ин рӯ,

натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ барои илмҳои сиёсӣ аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. Дар баробари ҳамаи ин агар довталаб дар таҳқиқоти илмии худ ба масъалаи нақши сиёсати инноватсионӣ дар рушди ҷомеаи иттилоотӣ диққат дода, онро дар зербоби алоҳида таҳқиқ менамуд, арзиши илмии кор боз ҳам боло мерафт. Аммо ба ин нигоҳ накарда, кори илмии довталаб дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» бо дарназардошти муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, барои муҳаққиқони ҷавон хеле аҳамиятнок буда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии он дар ҳалли масъалаҳои ҷойдошта хеле муфид мебошад. Методҳои илмии истифодагардида, адабиёти омӯхташуда, натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори он ба ихтисоси интихобнамуда мувофиқат менамоянд. Инчунин гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур дар сатҳи илмӣ омода гардида, ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир, ки дурнамои рушди мамлакатро ифода менамояд, бахшида шудааст. Саҳми муаллиф дар омӯзиши мавзуи интихобгардида баръало эҳсос мегардад. Хулосаҳо, натиҷаҳои таҳқиқот, тавсияҳои амалӣ ва нашрияҳои чопнамудаи муаллиф шаҳодат аз он медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона анҷом дода шудааст. Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Мудири кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Гафуров,
номзади илмҳои сиёсӣ — Сангинов К. Ҳ.

Имзои Сангинов К.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров — Сайдуллозода З. С.

Суроғаи муассисаи пешбар:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел.: (992-3422)6-52-73
E-mail: rector@hgu.tj